То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.

Фановар

FANOVAR

Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | *3 ноябри соли 2026* | №8 (249)



ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН СОҲИБИ АККРЕДИТАТСИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ГАРДИД

2–3 октябри соли 2026 дар Донишгоҳи IT-и шаҳри Остонаи Қазоқистон даҳумин Форуми байналмилалии Осиёи Марказӣ таҳти унвони «Такмили сифати таҳсилот дар замони рушди зеҳни сунъӣ ва технологияҳои рақамӣ: уфуқҳои нави рушди маориф» баргузор гардид, ки дар он ҳайати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (ДТТ) иштирок намуд.

Зимни ҳамоиши нуфузманд, ки ба 15-солагии таъсиси Агентии мустақили аккредитатсия ва рейтинг (AMAP/HAAP/IAAR) бахшида шуд, беш аз 300 нафар намоянда аз 29 кишвари ҷаҳон, аз ҷумла роҳбарони бархе аз муассисаҳои таҳсилоти олию коршиносони байналмилалии созмонҳои ENQA, EQAR, WFME, инчунин сохторҳои марбут ба таъмини сифати таҳсилот аз Қазоқистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон, Озарбойҷон, Арманистон, Британияи Кабир, Туркия, Булғористон ва Молдова ширкат варзиданд.

Масъалаи воридшавии зеҳни сунъӣ (AI) ва технологияҳои рақамӣ ба раванди таълим, дигаргуниҳои глобалӣ дар низоми таъмини сифати таҳсилот, таҳсилоти тиббӣ ва алоқамандии он бо илму амалия, инчунин ташаккули фазои ягонаи таҳсилотӣ дар Осиёи Марказӣ аз мавзуъҳои меҳварии форум ба шумор мерафтанд. Ҳамчунин натиҷаҳои барномаи миллии «AI Sana»-и Қазоқистон муаррифӣ шуд, ки ба ташаккули малакаи истифодаи низоман дуруст ва мақсадноки зеҳни сунъӣ равона шудааст.

Ҳамин тариқ, бо қарори Шӯрои аккредитатсионии AMAP аз 24 сентябри соли 2026, Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба муҳлати панҷ сол сазовори гирифтани Шаҳодатномаи аккредитатсияи институтсионалии байналмилалӣ ва дар фазои тантанавии форум аз ҷониби директори Агентии мустақили аккредитатсия ва рейтинг Алина Ҷумагулова ба ректори ДТТ, доктори илмҳои иқтисодӣ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ тақдим шуд. Ин дастоварди бузург ба пешвози ҷашнҳои Рӯзи забони давлатӣ, Рӯзи омӯзгор ва дар соли таҷлили 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти сиёсати маорифпарваронаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омад.

Ба гуфтаи коршиносон, гузаштан аз ин аккредитатсия тасдиқи мутобиқати низоми идоракунӣ, раванди таълим, сиёсати таъмини сифат ва фаъолияти илмию инноватсионӣ ба меъёрҳои муосири ҷаҳонӣ буда, дар панҷ самти умдаи зерин ба рушди донишгоҳ мусоидат мекунад:

- Эътирофи байналмилалӣ: Тасдиқи мустақили сифати идоракунӣ ва таълими донишгоҳ дар сатҳи ҷаҳонӣ;

- Баланд бардоштани рақобатпазирӣ: Таҳкими мавқеи ДТТ дар фазои таълими миллӣ ва байналмилалӣ ҳамчунин афзоиши эътимоди довталабону шарикон;

- Ҳамкориҳои васеи байналмилалӣ: Густариши робитаҳо бо донишгоҳҳои хориҷӣ, таҳияи барномаҳои муштарак, татбиқи дипломи дугона ва табодули академӣ;

- Тақвияти фарҳанги сифат: Пайваста такмил додани низоми мониторинг, арзёбии фаъолияти омӯзгорон ва қаноатмандии донишҷӯён;

- Имиҷи хатмкунандагон: Афзоиши эътимоди корфармоёни ватанию хориҷӣ ба сифати омодасозии мутахассисон дар бозори меҳнат.

Илова бар ин, дар марҳалаи аввал 4 нафар профессори ДТТ аз рӯи равияҳои гуногуни илмиву таълимӣ ҳамчун эксперти байналмилалии AMAP интихоб гардиданд, ки ин густариши ҳамкориҳои дуҷонибаро боз ҳам мустаҳкамтар мекунад.

Агентии мустақили аккредитатсия ва рейтинг соли 2011 таъсис ёфта, узви комилҳуқуқи Ассотсиатсияи аврупоии таъмини сифати таҳсилоти олӣ (ENQA) ва Феҳристи аврупоии агентиҳои таъмини сифати таҳсилоти олӣ (EQAR) мебошад.

АЗ ИДОРА: Перомуни ин мавзӯъ фишурдаи суҳбати хабарнигорамон бо ректори ДТТ, доктори илмҳои иқтисодӣ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ дар саҳифаҳои 4-5-и ҳамин шумора чоп шудааст.



Дар ДТТ Маркази нави технологияҳои нассоҷӣ таъсис меёбад

Аз 24 то 31 октябри соли равон дар Ҷумҳурии Корея барномаи омӯзишӣ ва табодули таҷриба дар доираи лоиҳаи «Таъсиси Маркази технологияҳои нассоҷӣ барои омода намудани муҳандисони соҳаи саноати нассоҷӣ дар Тоҷикистон» ҷараён гирифт, ки дар он ҳайати расмии аз ҷониби Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида таҳти роҳбарии муовини вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Азиз Назар иштирок кард. Ба ҳайат намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Қудратулло Аминзода, инчунин ҳайати роҳбарикунандаи лоиҳа аз Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо иштироки ректори донишгоҳ, доктори илмҳои иқтисодӣ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ иштирок карданд.

Дар оғози сафар мулоқоти ҳайат бо президенти Институти илмию технологии ороиш ва рангуборкунии DYETEC Choi Jae-Hong ва менеҷери лоиҳа Won Seok Choi баргузор шуд. Зимни вохӯрӣ ҷонибҳо роҳҳои татбиқи лоиҳа, таъсиси марказ, мустаҳкам намудани заминаи моддию техникӣ ва пайванди илм бо истеҳсолотро баррасӣ намуданд.

Ҳайати Тоҷикистон аз озмоишгоҳҳои муосири DYETEC боздид намуда, бо усулҳои пешрафтаи санҷиши сифати маҳсулот ва коркарди матоъ шинос гардид. Тибқи барнома, иштирокчиён дар тренингҳои омӯзишии бахши саноати нассоҷӣ ва технологияҳои рақамӣ саҳм гирифта, аз Осорхонаи нассоҷии шаҳри Тэгу, Маркази тиҷоратии нассоҷӣ ва мӯди шаҳри Пусан ва корхонаҳои пешқадам



дидан карданд.

Татбиқи лоиҳа ба беҳтар гардидани сифати таҳсилот, тайёр кардани муҳандисони ба бозори меҳнат рақобатпазир ва рушди устувори саноати нассоҷии кишвар мусоидат хоҳад кард.

“ФАНОВАР”

АРҶГУЗОРӢ БА ЗАБОНИ МОДАРӢ ВА МАҚОМИ ОМӮЗГОР





Сеюми октябри соли 2026 саҳни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон баҳри истиқболи Рӯзи забони давлатӣ (5-уми октябр) ва Рӯзи касбии омӯзгор (якшанбеи якуми октябр) намуди идона ба бар дошт. Дар ин ҷо аз субҳи барвақт, бо мақсади арҷгузорӣ ба заҳмату талошҳои омӯзгорон ва қадршиносӣ аз мақому манзалати аҳли маориф, Аксияи табрикотӣ зери унвони "Муаллим шарафманди ҳама давру замонҳост" баргузор гардид. Зимни он омӯзгорони донишгоҳ бо табрикномаи ректори ДТТ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ ва гулдастаҳои тару тоза самимона табрику таҳният шуниданд.

Сипас, конференсияи илмӣ-назариявӣ таҳти унвони «Саҳми Пешвои миллат дар рушди забони тоҷикӣ» ва ҳамзамон таҷлили Рӯзи касбии омӯзгор доир шуд. Дар он табрикоти ректори донишгоҳро ба муносибати идҳои зикршуда муовини ректор оид ба масъалаҳои байналмилалӣ Икромӣ Хуршед Икром ба самъи ҳозирин расонд.

Таъкид гардид, ки бояд кӯшиш намоем, то забони тоҷикӣ дар баробари забони фарҳанг ва адабиёт, инчунин ҳамчун забони илм, технология, муҳандисӣ, иқтисод, ҳуқуқ, тиб, идоракунӣ ва навоварӣ пешрафт кунад. Дар замони ҷаҳонишавӣ омӯхтани забонҳои хориҷӣ зарур аст, аммо ин набояд ба маънои заиф гардидани мақоми забони модарӣ бошад. Баръакс, ҳар қадар ҷаҳонро бештар бишносем, бояд решаҳои миллиро амиқтар эҳсос намоем. Донишҷӯи муосир бояд ҳам забони модариро комил донад ва ҳам барои муоширати илмиву касбӣ аз забонҳои хориҷӣ васеъ истифода барад.

Ҳамчунин, зикр шуд, ки омӯзгор дар шароити кунунӣ бояд донишманд, муҳаққиқ, навовар, соҳибмаърифат ва тарбиятгар бошад. Дар марҳилае, ки технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ бо суръати бесобиқа рушд мекунанд, вазифаи омӯзгор боз ҳам муҳимтар мегардад. Зеро технология метавонад маълумот пешниҳод кунад, аммо танҳо омӯзгор инсонро ба тафаккур, масъулият, ахлоқ, интихоби дуруст ва эҷодкорӣ роҳнамоӣ карда метавонад.

Дар идома намояндаи Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, сармутахассиси шуъбаи номгузорӣ ва танзими истилоҳоти Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Диловар Каримов маърӯза ва чанд пешниҳод намуданд.

Чун анъана, бар асоси дастуру ҳидоятҳои роҳбарияти донишгоҳ, зумрае аз омӯзгорону кормандони фаъол барои масъулиятшиносӣ баҳри иҷрои вазифаҳои хизматӣ, иштироки фаъолона дар корҳои таълимӣ, тарбиявӣ, илмию инноватсионӣ ва чорабиниҳои сатҳи донишгоҳию ҷумҳуриявӣ бо нишони «Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон», Ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ифтихорнома ва Сипосномаи Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Ифтихорномаи ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон сарфароз ва бо туҳфаҳои арзишманд қадршиносӣ шуданд.

Дар фарҷом аз ҷониби ансамбли тарона ва рақси «Зуҳал»-и донишгоҳ барномаи рангини фарҳангӣ пешкаши ҳозирин гардид. Таронаҳои дилчасп ва рақсу оҳангҳои миллӣ ба чорабинӣ таровати тоза бахшида, хотири ҳозиринро шод намуданд.



Масъалаи рӯз

ҚАДРИ ОМӮЗГОР ВА ОҚИБАТҲОИ БЕЭЪТИНОӢ БА ИЛМ



Нақл мекунанд, ки замонҳои қадим дар шаҳре беморие аҷибе пайдо шуд. Ин беморӣ як воқеаи ҳақиқиро ба ёд меорад, ки вақте Игнас Филипп Земмелвейс, пизишки олмонӣ, аввалин шуда фаҳмид, ки агар мо дастҳоямонро бишӯем, камтар ба беморӣ гирифтор мешавем, ҳеҷ пизишке сухани ӯро қабул накард ва вазъ то ҷое бад пеш рафт, ки Земмелвейси бечораро ба беморхонаи рӯҳӣ фиристоданд... Аммо пас аз амалӣ шудани пешниҳодҳояш баъди марг соҳиби назарияи шахсӣ шуд. Дар бораи ин беморӣ, ки нақл мекунанд, чандин қарн пеш "Пандҳои Птаххотеп" дар Мисри бостон даҳон ба даҳон нақл мешуданд. Шояд Птаххотеп аз аввалинҳое бошад, ки гуфта буд: "Бузургтарин беморӣ дурӯғ аст". Зеро ин беморӣ таб надорад. Сулфа надорад. Дар бадан доғ намегузорад. Одам, ки гирифтор шавад аз чеҳрааш ҳеч чиз маълум намешавад.

Аммо як нишонааш ҳамин аст, ки одам дигар рост гуфта наметавонистааст.

Нақл аст, ки ин беморӣ дар он шаҳр аввал ба як тоҷир сироят мекунад.

Аз ӯ пурсиданд:

- Ин мол асл аст?

(Давомаш дар саҳ. 8)

Озар САЛИМ,
Шоири халқии Тоҷикистон

МУАЛЛИМ

Суруши фазлу адаб, парчами
виқор муаллим,
Дарахти маърифату ҳусни
рӯзгор муаллим.
Ба занги дарс шавад во
шукуфаҳои ҳидоят,
Бувад ба боги фазилат чу
навбаҳор муаллим.

Бақои давлату миллат бувад
зи кори муаллим,
Муҳаббати ҳама дилҳои мо
нисори муаллим!

Чи қадр тозаву озода аст пираҳани ӯ,
Калиди қуфли дари синаҳост
ҳар сухани ӯ.
Дар осмони нигоҳам чу офтоб
дурахшад
Ҷабини аз сари софии қалб шуълазани ӯ.

Ҷаҳони меҳр бувад ҷони
бегубори муаллим,
Муҳаббати ҳама дилҳои мо
нисори муаллим!

Муборак аст, шунидӣ агар
садои маориф,
Чаро ки накҳати қудс аст
дар ҳавои маориф.
Каломи хайр бувад дар кафи
дуои маориф,
Ба ҷуз наҷоти башар чист
муддаои маориф?

Паямбарони ҷаҳонанд дар
шумори муаллим,
Муҳаббати ҳама дилҳои мо
нисори муаллим!

Китоб, лавҳу қалам, дарсу
остонаи мактаб
Муқаддасанд чу маънии
бекаронаи мактаб.
На рӯи шонаи филу на рӯи шонаи моҳӣ,

Ниҳода бори замин аст рӯи
шонаи мактаб.

Тавонгарону шаҳонанд вомдори
муаллим,
Муҳаббати ҳама дилҳои мо
нисори муаллим!

Маориф асту муаллим сафои
синаи миллат,
Ба дасти ин ду бувад ҳифзи
обгинаи миллат.
Ба новбонии ин ду агар ки арҷ гузорем,
Расад ба соҳили мақсуди дил
сафинаи миллат.

Мабод як сари мӯ кам зи
эътибори муаллим,
Муҳаббати ҳама дилҳои мо
нисори муаллим!


ДТТ ДАР ОЗМУНИ ҶАҲОНИИ МАЛАКАҲОИ КАСБӢ СОҲИБИ МЕДАЛИ БИРИНЧӢ ШУД

Даҳаи аввали моҳи октябр дар Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ марҳилаи интихобии минтақаи Осиёи Марказӣ дар доираи Озмуни ҷаҳонии малакаҳои касбии донишгоҳҳо ва коллеҷҳо дар самти «Энергетика» доир шуда, зимни он дастаҳои мунтахаби муассисаҳои таҳсилоти олии касбии минтақаи Осиёи Марказӣ байни ҳам рақобат намуданд.

Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар ин озмуни бонуфузи илмию амалии байналмилалӣ фаъолона иштирок карда, маҳорату малакаи баланд нишон дод. Намояндагони донишгоҳ бо нишон додани сатҳи баланди дониши назариявӣ, маҳорати амалӣ ва иқтидори касбӣ дар бахши энергетика тавонистанд таваҷҷуҳи ҳайати ҳакамонро ҷалб созанд.

Дар натиҷаи рақобатҳои шадид ва шаффоф, дастаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон сазовори ҷойи сеюм ва медали биринҷӣ гардид, ки на танҳо натиҷаи кӯшишу ғайрати донишҷӯён, балки гувоҳи сатҳи баланди сифати таълим ва заҳмати устодону мутахассисони донишгоҳ мебошад.

Раёсати донишгоҳ ва омӯзгорону донишҷӯён аъзои даста ва роҳбарони онро бо ин зафари бузург самимона муборакбод гуфта, дар фаъолияти минбаъдаи илмиву амалиашон барору комёбиҳои нав ба нав орзу намуданд.





МУВАФФАҚИЯТИ МАҲИНА ДАР ОЗМУНИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

2 октябри соли 2026 дар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода даври ниҳоии Озмуни байналмилалии «Забон донӣ-ҷаҳон донӣ» барои дарёфти «Ҷоми раёсати Донишгоҳ» ҷараён гирифта, дар он 126 нафар донишҷӯ аз 21 муассисаи таҳсилоти олии кишвар ва 5 муассисаи таҳсилоти олии кишварҳои хориҷӣ аз рӯйи 12 забон (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, чинӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, кореягӣ, ҷопонӣ, форсӣ, арабӣ, ҳиндӣ ва ӯзбекӣ) рақобат карданд.

Зимни сабқати имсола дастаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон аз рӯйи 6 забон (тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, хитоӣ, арабӣ ва кореягӣ) иштирок кард. Ва боиси ифтихору сарфарозист, ки донишҷӯи соли чоруми факултети менеҷмент ва маркетинги байналмилалии ДТТ Маҳина Ҷалилова аз рӯйи забони кореягӣ маҳорати баланд нишон дода, ба гирифтани ҷойи сеюм мушарраф шуд.

Озмуни зикршуда соли сеюм аст баргузор мешавад ва соли равон мақоми байналмилалӣ гирифта, аз рӯйи 12 забон роҳандозӣ гардид.

«ФАНОВАР»

МАҚОМИ ДУЮМ ДАР «ИЛМ-ФУРӮҒИ МАЪРИФАТ»

Дастовардҳои илмии омӯзгорону донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (ДТТ) пайваста боиси ифтихор ва комёбиҳои нав ба нав мегарданд. Ин бор низ аҳли донишгоҳ бо рӯҳияи баланди созандагӣ хушхабари бошукӯҳи зеринро пазируфтанд: сардори бахши мубодилаи академии донишҷӯён ва омӯзгорони ДТТ, номзади илмҳои техникӣ Шуҳратҷон Назаров дар номинаи «Ихтироъкорӣ ва навоварӣ»-и Озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат», ки моҳи октябри соли равон доир гардид, сазовори мақоми дуюм гардид.

Ин дастовард, ки нуфузи илмии даргоҳро боз ҳам баланд бардошт, метавон натиҷаи ғамхориву пуштибонии пайваста ва талошҳои созандаи роҳбарияти донишгоҳ арзёбӣ намуд.

Мавриди зикр аст, ки Озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» бо сарпарастӣ ва ибтикори бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бо ҳадафи дарёфти истеъдодҳои нав, арҷгузорӣ ба мақоми илму дониш, тақвияти тафаккури техникӣ ва бедор намудани завқи маърифатҷӯӣ дар ҷомеа роҳандозӣ шудааст.

Раёсати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ин пирӯзии фараҳбахшро ба Шуҳратҷон Назаров самимона муборакбод гуфта, ба ӯ саломатии комили бардавом, қалби саршор аз илҳоми эҷодӣ, қадамҳои устувор дар роҳи илму пешрафт ва комёбиҳои боз ҳам бузургтарро дар ҷодаи фаъолияти омӯзгорию навоварӣ таманно кард.

«ФАНОВАР»

«БЕҲТАРИН БАРНОМАСОЗ» МИЁНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБИИ КИШВАР

Моҳи октябр Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (ДТТ) дастоварди назаррас ва бошукӯҳеро соҳиб гардид, ки боис ба ифтихори омӯзгорону донишҷӯёни он аст.

Дар Озмуни ҷумҳуриявии «Беҳтарин барномасоз», ки ба муносибати 30-солагии таъсисёбии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон миёни донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар баргузор гардид, донишҷӯи курси якуми ихтисоси 1-400301-«Зеҳни сунъӣ»-и ДТТ Фахриддин Маҳмадхонзода дар номинатсияи «Лоиҳаи инноватсионӣ» сазовори ҷойи якум гардид.

Ин дастоварди арзишманд бозгӯи истеъдод, дониши амиқ, малакаи баланди эҷодӣ ва талошҳои пайваста дар роҳи азбарнамоии технологияҳои муосир мебошад. Инчунин, ин муваффақият натиҷаи таваҷҷуҳ ва ғамхории пайвастаи роҳбарияти донишгоҳ ба омода намудани мутахассисони баландихтисоси соҳаи IT ва рақобатпазир маҳсуб меёбад, ки ба талаботи бозори меҳнат ва рақамисозии ҷомеа ҷавобгӯ мебошад.

Раёсати Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ин дастоварди шоистаро ба Фахриддин Маҳмадхонзода самимона муборакбод намуда, ба ӯ дар фаъолияти минбаъдаи илмию эҷодӣ муваффақиятҳои нав, ғолибияти бештар ва фатҳи қуллаҳои баланди илму технологияро таманно кард.



Бешак, ин дастоварди қадами устувор дар роҳи кашфи истеъдодҳои ҷавон, рушди самти зеҳни сунъӣ ва таҳкими иқтидори технологии кишвар ба шумор меравад.

АЗ ИДОРА:

Вақте шумора ба нашр омода мегардид, иттилоъ доданд, ки дастовардҳои шогирдони ДТТ дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ боз ҳам густариш ёфта, толибилмону донишҷӯёни дигар низ ба гирифтани ҷойҳои ифтихорӣ шарафёб гардиданд.

Аз ҷумла, донишҷӯёни курси якуми факултети "Технология ва дизайн" Маловат Мақбулшоева (гурӯҳи 1-19010501, ихтисоси дизайни костюм) аз рӯи номинатсияи «Дизайн» ва Зарафшон Ниёзова (гурӯҳи 1-19010105, ихтисоси дизайни костюм ва газвор) аз рӯи номинатсияи «Санъати тасвирӣ» дар Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон - Ватани азизи ман» бо маҳорати баланди эҷодӣ, завқи зебоипарастӣ ва истеъдоди нотакрор мутаносибан сазовори ҷойҳои дуюму сеюм дониста шуданд.

Ҳамчунин, дар даври ниҳоии Озмуни ҷумҳуриявии «Илм-фурӯғи маърифат» шогирди «Литсейи инноватсионии Душанбе»-и назди ДТТ Аҳмадҷон Зиёдалиев аз рӯи номинатсияи «Ихтироъкорӣ ва навоварӣ» ба гирифтани ҷойи дуюму мукофотпулӣ ба маблағи 50 ҳазор сомонӣ мушарраф шуд.

РАҲМОНЗОДА Зоир Файзалӣ:
«АККРЕДИТАТСИЯИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Мусоҳиба бо ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (ДТТ), доктори илмҳои иқтисодӣ, иҷрокунандаи вазифаи профессор Раҳмонзода Зоир Файзалӣ оид ба дастовардҳои донишгоҳ дар самти таъмини сифати таҳсилот, натиҷаҳои аккредитатсияи байналмилалии институтсионалӣ ва дурнамои рушди муассиса дар шароити рақамикунонӣ ва густариши технологияҳои зеҳни сунъӣ.



– Муҳтарам Зоир Файзалӣ, тибқи иттилои расида, 2–3 октябри соли 2026 дар шаҳри Остонаи Ҷумҳурии Қазоқистон бо ибтикори Агентии мустақили аккредитатсия ва рейтинг (IAAR/HAAP) Форуми даҳуми байналмилалии Осиёи Марказӣ оид ба таъмини сифати таҳсилот таҳти унвони «Беҳтар намудани сифати таҳсилот дар даврони зеҳни сунъӣ ва технологияҳои рақамӣ: уфуққои нави таҳсилот» баргузор гардид, ки Шумо дар он иштирок доштед. Пеш аз ҳама, мехостем бидонем, ки аҳаммияти ин ҳамоиши байналмилалӣ аз чӣ иборат буд ва кадом масъалаҳо дар маркази таваҷҷуҳи иштирокчиён қарор доштанд?

– Воқеан, ҳамоиши зикршуда, ки дар Донишгоҳи технологияҳои иттилоотии Остона (Astana IT University) ҷараён дошт, яке аз чорабиниҳои муҳимми байналмилалӣ дар самти рушди таҳсилоти олӣ ва такмили низоми таъмини сифати он ба шумор меравад. Он барои ҷомеаи академии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва дигар давлатҳои иштироккунанда имконияти мусоиди табодули таҷриба, баррасии масъалаҳои мубрами таҳсилоти муосир ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки рушди онро фароҳам оварад.

Аҳаммияти форум, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки дар айни замон низоми таҳсилоти олӣ дар ҷаҳон ба марҳилаи сифатан нави рушд ворид шудааст. Рушди босуръати технологияҳои рақамӣ, густариши истифодаи зеҳни сунъӣ, тағйирёбии талаботи бозори меҳнат, афзоиши рақобат миёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва зарурати омода намудани мутахассисони дорои салоҳиятҳои муосир тақозо менамоянд, ки ба мафҳуми «сифати таҳсилот» аз дидгоҳи нав назар андозем.

Агар дар гузашта сифати таҳсилот бештар тавассути нишондиҳандаҳои анъанавӣ, аз ҷумла сатҳи азбарнамоии дониш, натиҷаҳои имтиҳонҳо, шумораи омӯзгорони дорои дараҷаҳои илмӣ ва таъминоти моддию техникӣ арзёбӣ мегардид, ҳоло чунин муносибат дигар кофӣ нест. Сифати таҳсилот бояд, пеш аз ҳама, аз рӯйи натиҷаҳои воқеии омӯзиш, сатҳи салоҳиятҳои касбии хатмкунандагон, қобилияти онҳо ба фаъолияти мустақилона, тафаккури интиқодӣ, навоварӣ ва мутобиқшавӣ ба тағйироти технологию иқтисодӣ муайян карда шавад.

Маҳз ҳамин масъалаҳо, аз ҷумла таъсири зеҳни сунъӣ ба раванди таълим, рушди технологияҳои рақамӣ, такмили механизмҳои дохилӣ ва берунии таъмини сифат, истифодаи усулҳои инноватсионии омӯзиш, баланд бардоштани масъулияти муассисаҳои таълимӣ барои натиҷаҳои фаъолият ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Барои Донишгоҳи технологии Тоҷикистон иштирок дар чунин ҳамоиш аҳаммияти махсус дорад. Зеро ҳамчун муассисаи таҳсилоти олии дорои равияи технологӣ вазифадорем, ки на танҳо ба тағйироти муосир мутобиқ шавем, балки дар омода намудани мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи иқтисодиёти рақамӣ ва рушди инноватсионии кишвар нақши фаъол дошта бошем.

Алҳол донишгоҳ наметавонад танҳо бо арзёбии дохилии фаъолият маҳдуд гардад. Бояд бидонем, ки сифати барномаҳои таълимӣ, сатҳи омодасозии мутахассисон, фаъолияти илмӣ, низоми идоракунӣ, муҳити таълимӣ ва робита бо бозори меҳнат то кадом андоза ба меъёрҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Аз ин лиҳоз, яке аз хулосаҳои муҳимми форум он буд, ки таъмини сифат бояд аз фаъолияти давра ба давраи назоратӣ ба низоми муттасили идоракунии рушди муассисаи таълимӣ табдил ёбад. Яъне сифат на танҳо натиҷаи санҷиш, балки меъёри асосии фаъолияти донишгоҳ бошад.

– Яке аз рӯйдодҳои муҳимми форум барои Тоҷикистон тақдими Шаҳодатномаи аккредитатсияи байналмилалии институтсионалӣ ба Донишгоҳи технологии Тоҷикистон буд. Шумо ин рӯйдоди таърихиро чӣ гуна арзёбӣ мекунед?

– Барои ман ҳамчун роҳбари Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ин рӯйдод, пеш аз ҳама, бо эҳсоси ифтихор, қаноатмандӣ ва ҳамзамон масъулияти бузург алоқаманд аст, ки 2 октябри соли 2026 дар шаҳри Остона шахсан аз дасти роҳбари Агентии мустақили аккредитатсия ва рейтинг Алина Ҷумагулова Шаҳодатномаи аккредитатсияи байналмилалии институтсионалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро ба муҳлати панҷ сол қабул намудам. Ва, бешубҳа, он дар таърихи фаъолияти ДТТ саҳифаи наверо боз намуд. Зеро ба даст овардани аккредитатсияи байналмилалии институтсионалӣ маънои онро дорад, ки фаъолияти донишгоҳ, дар маҷмӯъ, аз ҷониби коршиносони мустақили байналмилалӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифта, мутобиқати он ба талаботи стандартҳои дахлдори байналмилалии аккредитатсия эътироф гардидааст.

Аммо мехоҳам як нуктаи муҳимро махсус таъкид намоям, ки дар паси ҳар як шаҳодатномаи аккредитатсия меҳнатӣ як нафар не, балки фаъолияти дастаҷамъонаи садҳо нафар қарор дорад.

Ин дастовард натиҷаи заҳмати аҳлонаи ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандони маъмурию идоракунӣ, муҳаққиқон, донишҷӯён, сохторҳои таълимӣ ва илмӣ, инчунин шарикони истеҳсолии донишгоҳ мебошад.

Барои расидан ба ин марҳила кори зиёд анҷом дода шуд. Аз ҷумла, фаъолияти донишгоҳ ҳамаҷониба таҳлил гардид, низоми худбаҳодиҳии институтсионалӣ амалӣ гардид, ҳуҷҷатҳои зарурӣ таҳия ва пешниҳод шуданд, фаъолияти сохторҳои донишгоҳ аз рӯйи талаботи стандартҳои аккредитатсионӣ арзёбӣ ва барои боздиди коршиносони байналмилалӣ шароити зарурӣ фароҳам оварда шуд.

Аз ин рӯ, ман шаҳодатномаи мазкурро дастоварди тамоми ҷомеаи академии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон медонам ва аз фурсат истифода бурда, ба онҳое, ки дар ин раванди муҳим саҳми арзанда гузоштанд, изҳори сипосу миннатдорӣ менамоям.

Дар баробари ин, бояд дарк намоем, ки гирифтани шаҳодатнома ҳадафи ниҳоӣ нест. Баръакс, он оғози марҳилаи нави масъулият барои нигоҳдорӣ, таҳким ва баланд бардоштани сифати таҳсилот мебошад.

Аккредитатсияи байналмилалиро на ҳамчун мукофоти хотимавӣ, балки ҳамчун эътирофи натиҷаҳои бадастомада ва уҳдадории нав барои рушди минбаъдаи донишгоҳ қабул мекунем.

Фарқияти асосии аккредитатсияи институтсионалӣ аз аккредитатсияи барномаҳои алоҳидаи таълимӣ дар он аст, ки дар ин раванд фаъолияти муассисаи таҳсилоти олӣ ҳамчун низоми ягона ва мукаммал мавриди арзёбӣ қарор мегирад.

Ба ибораи дигар, масъала танҳо дар он нест, ки донишгоҳ кадом ихтисосҳоро пешниҳод мекунад ё чӣ қадар донишҷӯ дорад. Муҳим он аст, ки донишгоҳ чӣ гуна идора карда мешавад, раванди таълим то кадом андоза самаранок аст, барои рушди донишҷӯён чӣ гуна муҳит фароҳам оварда шудааст, фаъолияти илмӣ ва инноватсионӣ чӣ натиҷа медиҳад, робита бо истеҳсолот ва бозори меҳнат чӣ гуна ба роҳ монда шудааст ва низоми дохилии таъмини сифат то кадом андоза қобилияти ошкор ва бартараф намудани камбудиҳоро дорад.

Арзёбии байналмилалӣ ба мо имконият дод, ки ба фаъолият на танҳо аз мавқеи дохилӣ, балки аз дидгоҳи коршиносони мустақил назар андозем, дастовардҳоро бо таҷрибаи муассисаҳои пешрафтаи таҳсилоти олӣ муқоиса намоем ва самтҳои такмили минбаъдаро муайян созем.

Ба назари ман, маҳз ҳамин ҷанбаи аккредитатсия аҳаммияти бузурги идоракунӣ ва стратегӣ дорад.

– Барои ба даст овардани Шаҳодатномаи аккредитатсияи байналмилалии институтсионалӣ Донишгоҳи технологии Тоҷикистон кадом марҳилаҳоро паси сар намуд ва арзёбии байналмилалӣ чӣ хусусият дошт?

– Аккредитатсияи байналмилалии институтсионалӣ раванди мураккаб, бисёрмарҳилавӣ ва масъулиятнок мебошад. Он аз муассисаи таҳсилоти олӣ на танҳо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ, балки исботи воқеии самаранокии фаъолияти таълимӣ, илмӣ, идоракунӣ ва иҷтимоиро талаб менамояд.

Дар марҳилаи аввал донишгоҳ бояд фаъолиятро дар асоси стандартҳои муқаррарагардида ҳамаҷониба таҳлил намояд. Дар ин раванд муайян карда мешавад, ки муассиса то кадом андоза рисолат ва ҳадафҳои стратегиро амалӣ месозад, низоми идоракунии он чӣ гуна фаъолият мекунад, барномаҳои таълимӣ чӣ натиҷа медиҳанд ва механизмҳои таъмини сифати таҳсилот то кадом дараҷа самаранок мебошанд.

Дар марҳилаи минбаъда натиҷаҳои худбаҳодиҳӣ ва далелҳои пешниҳодшуда аз ҷониби коршиносони мустақил омӯхта мешаванд.

Дар доираи ҳамин раванд моҳи июни соли 2026 ҳайати коршиносони байналмилалии Агентии мустақили аккредитатсия ва рейтинг ба Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ташриф оварда.

Коршиносон бо фаъолияти сохторҳои донишгоҳ, раванди таълим, фаъолияти илмӣ, имкониятҳои моддию техникӣ, озмоишгоҳҳо, китобхона, захираҳои иттилоотӣ ва муҳити таълимӣ шинос гардиданд.

Ҳамзамон, бо роҳбарият, ҳайати профессорону омӯзгорон, донишҷӯён, хатмкунандагон ва корфармоён мулоқот баргузор намуда, аз баъзе пойгоҳҳои таҷрибаомӯзӣ ва корхонаҳои шарики донишгоҳ боздид карданд.

Ин марҳила аҳаммияти махсус дошт, зеро барои муассисаи таҳсилоти олии технологӣ робитаи мустақим бо истеҳсолот яке аз шартҳои асосии таъмини сифати омодасозии мутахассисон мебошад. Мо бояд мутахассисонеро омода намоем, ки баъди хатм на танҳо донишҳои назариявӣ дошта бошанд, балки тавонанд онҳоро дар шароити воқеии истеҳсолот истифода баранд, масъалаҳои касбиро мустақилона ҳал намоянд ва ба тағйироти технологӣ мутобиқ шаванд.

Аз ин рӯ, аккредитатсияро набояд танҳо ҳамчун санҷиши ҳуҷҷатҳо арзёбӣ кард. Ҳуҷҷатҳо, албатта, муҳимманд, аммо онҳо бояд инъикоскунандаи фаъолияти воқеӣ бошанд.

Масалан, агар дар донишгоҳ озмоишгоҳ мавҷуд бошад, муҳим он аст, ки то кадом андоза дар раванди таълим ва таҳқиқоти илмӣ истифода мешавад. Агар барномаи таълимӣ таҳия гардида бошад, бояд муайян карда шавад, ки мазмун ва натиҷаҳои омӯзиши он ба талаботи бозори меҳнат мувофиқанд ё не.

Ба ҳамин монанд, агар дар донишгоҳ низоми дохилии таъмини сифат амал кунад, он набояд танҳо сохтори расмӣ бошад. Ин низом бояд тавонад камбудиҳоро сари вақт ошкор намояд, сабаби онҳоро таҳлил кунад ва барои бартарафсозӣ қарорҳои асоснок пешниҳод намояд.

Аз нигоҳи мо, яке аз натиҷаҳои муҳимтарини ин раванд таҳкими фарҳанги худбаҳодиҳӣ ва масъулияти институтсионалӣ мебошад.

Маҳз чунин муносибат метавонад фарҳанги устувори сифатро ташаккул диҳад.

– Яке аз масъалаҳои меҳварии форуми Остона рушди зеҳни сунъӣ ва рақамикунонии таҳсилоти олӣ буд. Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба ин раванд чӣ гуна назар дорад ва дар ин самт кадом вазифаҳоро муҳим мешуморад?

– Пеш аз ҳама, бояд таъкид намоям, ки зеҳни сунъӣ дигар танҳо масъалаи оянда нест. Он аллакай ба ҷузъи муҳимми ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмӣ ва таълимии ҷомеаи муосир табдил ёфтааст.

Алҳол технологияҳои зеҳни сунъӣ дар таҳлили маълумот, идоракунии истеҳсолот, ташхиси равандҳои технологӣ, таҳқиқоти илмӣ, хизматрасонӣ ва фаъолияти таълимӣ имкониятҳои нав фароҳам меоранд. Барои Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ки рисолати асосии он омода намудани мутахассисон барои соҳаҳои технологӣ ва иқтисодиёти муосир мебошад, ин масъала аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Бояд дарк намоем, ки дар шароити рушди босуръати технологияҳо танҳо омӯзонидани истифодаи воситаҳои мавҷуда кофӣ нест. Муҳим он аст, ки донишҷӯён қобилияти омӯзиши мустақилона, мутобиқшавӣ ба технологияҳои нав, таҳлили масъалаҳои мураккаб ва истифодаи эҷодкоронаи донишро аз бар намоянд. Зеро технологияҳое, ки ҳоло пешрафта ҳисобида мешаванд, метавонанд баъди чанд сол тағйир ёбанд. Аммо қобилияти фикрронии мустақилона, таҳлил, омӯзиши пайваста ва ҳалли масъалаҳо арзишро нигоҳ медорад.

Дар ҳамин замина, рушди муҳити рақамии донишгоҳ, такмили инфрасохтори иттилоотӣ, истифодаи технологияҳои муосири таълимӣ ва баланд бардоштани салоҳиятҳои рақамии омӯзгорону донишҷӯёнро аз самтҳои афзалиятноки фаъолият мешуморем.

Дар баробари ин, истифодаи зеҳни сунъӣ бояд бо принсипҳои ахлоқи академӣ, мустақилияти фикронӣ ва масъулияти шахсӣ ҳамоҳанг бошад. Набояд роҳ диҳем, ки технология ҷойгузини тафаккури донишҷӯ гардад. Баръакс, он бояд ба воситаи рушди дониш, таҳкими малакаҳои таҳлилӣ ва баланд бардоштани самаранокии омӯзиш табдил ёбад.

Дар ин масъала нақши омӯзгор низ тағйир меёбад. Вай дигар танҳо интиқолдиҳандаи дониш нест. Ӯ бояд роҳнамо, ташкилкунандаи фаъолияти маърифатӣ, мушовир ва мусоидаткунандаи рушди тафаккури мустақилонаи донишҷӯ бошад.

Бинобар ин, баланд бардоштани салоҳиятҳои рақамии ҳайати профессорону омӯзгорон ва омӯзонидани истифодаи масъулиятноки технологияҳои зеҳни сунъӣ аз вазифаҳои муҳим мебошад.

Ҳамчунин, дар донишгоҳ зарур

ОҒОЗИ МАРҲИЛАИ НАВИ МАСЪУЛИЯТ АСТ»



аст, ки имкониятҳои рушди озмоишгоҳҳои муосир, аз ҷумла дар самтҳои зеҳни сунъӣ, робототехника, мехатроника ва дигар технологияҳои пешрафта пайваста васеъ гарданд.

Рақамикунонии воқеиро танҳо ҳамчун гузариш аз ҳуҷҷатҳои коғазӣ ба шакли электронӣ набояд фаҳмем. Он бояд ба тағйир ёфтани тарзи идоракунӣ, ташкили таълим, тадқиқоти илмӣ, хизматрасонӣ ба донишҷӯён ва қабули қарорҳои асоснок мусоидат намояд. Ба ибораи дигар, ҳадаф ташаккули донишгоҳи муосири технологӣ мебошад, ки дар он технологияҳои рақамӣ ба баланд бардоштани сифати таҳсилот ва самаранокии фаъолияти сохторҳо хизмат мекунанд.

– Ба назари Шумо, аккредитатсияи байналмилалии институтсионалӣ барои донишҷӯён, хатмкунандагон ва умуман ҷомеа чӣ аҳаммият дорад?

– Пеш аз ҳама, бояд таъкид намоям, ки фаъолияти донишгоҳ ба донишҷӯ, рушди шахсият ва ташаккули салоҳиятҳои касбии ӯ равона гардидааст.

Донишҷӯ ҳангоми интихоби муассисаи таҳсилоти олӣ мехоҳад итминон дошта бошад, ки донишгоҳи интихобкардааш имкониятҳои зарурӣро барои гирифтани таҳсилоти босифат фароҳам меорад.

Барои ӯ муҳим аст, ки барномаҳои таълимӣ то кадом андоза муосир мебошанд, омӯзгорон чӣ гуна омодагии касбӣ доранд, таҷрибаомӯзӣ дар кадом шароит гузаронида мешавад, имкониятҳои иштирок дар таҳқиқоти илмӣ чӣ гунаанд ва донишҳои бадастомада то кадом андоза ба талаботи бозори меҳнат мувофиқат мекунанд. Аккредитатсияи байналмилалӣ дар ин самт аҳаммияти хосса дорад. Зеро он ба баланд бардоштани эътимод ба фаъолияти донишгоҳ, таҳкими нуфузи академии он ва рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ мусоидат менамояд.

Дар шароити ҷаҳонишавии таҳсилоти олӣ чунин эътимод барои донишҷӯён ва хатмкунандагон имкониятҳои нави академӣ фароҳам оварда метавонад. Аз ҷумла, он метавонад ба густариши ҳамкорӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷӣ, рушди барномаҳои табодули академӣ, татбиқи лоиҳаҳои муштараки таълимӣ ва илмӣ ва тақвияти робитаҳои байналмилалӣ замина гузорад.

Албатта, бояд як масъалаи муҳимро дуруст дарк намоем, ки аккредитатсияи байналмилалӣ маънои эътирофи автоматии дипломро дар кишварҳо ё кафолати бо ҷойи кор таъмин гардидани хатмкунандагонро надорад. Ин масъалаҳо аз талаботи қонунгузории кишварҳои дахлдор, созишномаҳои байнидавлатӣ ва тартиби эътирофи тахассусҳо вобаста мебошанд. Аммо аккредитатсия нишон медиҳад, ки фаъолияти муассисаи таълимӣ тибқи меъёрҳои муайяни байналмилалӣ арзёбӣ гардидааст ва ин омил метавонад эътимоди шарикони академӣ ва корфармоёнро таҳким бахшад.

Дар айни замон бояд фаромӯш насозем, ки шаҳодатномаи аккредитатсия ба ҷойи дониш, қобилият ва малакаи донишҷӯ хизмат карда наметавонад. Муассиса метавонад шароити зарурӣ ва муҳити мусоиди таълимиро фароҳам оварад, аммо натиҷаи ниҳоии таҳсилот аз фаъолияти муштараки омӯзгор ва донишҷӯ вобаста аст. Маҳз донишҷӯ бояд бо меҳнат, масъулият, донишандӯзӣ ва фаъолияти мустақилона исбот намояд, ки сазовори номи хатмкардаи донишгоҳи муосир мебошад.

Дар ин раванд нақши ҳайати профессорону омӯзгорон бисёр бузург аст. Ҳеҷ як низоми аккредитатсионӣ наметавонад бе фаъолияти самараноки омӯзгорон сифати воқеии таҳсилотро таъмин намояд.

Омӯзгори муосир бояд на танҳо донишманди соҳа бошад, балки пайваста дониш ва малакаҳои касбию педагогиро такмил диҳад, усулҳои нави таълимро аз бар намояд ва донишҷӯро ба фаъолияти мустақилона, тадқиқотӣ ва эҷодӣ ҳавасманд созад.

Технологияҳо тағйир ва барномаҳои таълимӣ такмил меёбанд, талаботи бозори меҳнат нав мешавад. Аз ин рӯ, омӯзгор низ бояд пайваста дар ҷустуҷӯ ва омӯзиш бошад. Аз ин рӯ, низоми таҳсилотро тавре бояд ба роҳ монем, ки дар маркази он на танҳо фаъолияти омӯзгор, балки натиҷаҳои воқеии омӯзиш ва рушди салоҳиятҳои донишҷӯ қарор дошта бошанд.

Ин яке аз принсипҳои муҳимми муносибати донишҷӯ меҳвар ба таҳсилот мебошад. Дар ин замина, баланд бардоштани сифати корҳои мустақилонаи донишҷӯён, ҷалби онҳо ба тадқиқоти илмӣ, лоиҳаҳои инноватсионӣ, озмунҳои технологӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад.

Ба назари ман, донишгоҳи муосир бояд муҳите бошад, ки донишҷӯ дар он на танҳо дониш гирад, балки андеша кунад, тадқиқ намояд, таҷриба омӯзад, ташаббус нишон диҳад ва барои фаъолияти ояндаи касбӣ омода гардад.

– Пас аз ба даст овардани аккредитатсияи байналмилалии институтсионалӣ қадамҳои минбаъдаи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон кадом хоҳанд буд? Барои нигоҳдорӣ ва баланд бардоштани сифати таҳсилот чӣ тадбирҳо пешбинӣ шудаанд?

– Пеш аз ҳама, нигоҳ доштани натиҷаҳои бадастомада ва таъмини рушди минбаъдаи онҳо. Аккредитатсияи байналмилалӣ ба муҳлати панҷ сол дода шудааст. Аммо ин маънои онро надорад, ки дар ин мудат танҳо ба натиҷаҳои бадастомада қаноат кунем. Баръакс, ин давра бояд ба марҳилаи фаъолияти мақсаднок барои такмили низоми идоракунӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилот, рушди иқтидори илмӣ ва таҳкими мавқеи донишгоҳ дар фазои байналмилалии таҳсилоти олӣ табдил ёбад.

Дар назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон вазифаҳои муҳим қарор доранд. Яке аз онҳо такмили мунтазами барномаҳои таълимӣ бо дарназардошти талаботи бозори меҳнат, рушди технологияҳои муосир ва афзалиятҳои иқтисодиёти миллӣ мебошад. Бояд ба он муваффақ шавем, ки мазмуни барномаҳои таълимӣ на танҳо ба талаботи ҳозира, балки ба тағйироти эҳтимолии ояндаи соҳаҳои иқтисодиёт низ мутобиқ бошад.



Дар ин раванд иштироки корфармоён, намояндагони корхонаҳои истеҳсолӣ, хатмкунандагон ва дигар ҷонибҳои манфиатдор бояд бештар гардад.

Самти дигари муҳим таҳкими фаъолияти илмӣ ва инноватсионӣ мебошад.

Донишгоҳи технологӣ набояд танҳо маркази омодасозии мутахассисон бошад. Он бояд ҳамзамон ба маркази тадқиқоти амалӣ, таҳияи технологияҳои нав, пешниҳоди роҳҳои ҳалли масъалаҳои истеҳсолӣ ва рушди фаъолияти инноватсионӣ табдил ёбад.

Аз ин рӯ, ба рушди иқтидори илмии омӯзгорон, ҷалби донишҷӯён ба таҳқиқоти илмӣ, таҳкими ҳамкорӣ бо корхонаҳои истеҳсолӣ ва татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар амалия аҳаммияти махсус медиҳем.

Илова бар ин, рушди инфрасохтори рақамӣ ва озмоишгоҳҳои муосир яке аз самтҳои дигари афзалиятноки фаъолияти донишгоҳ боқӣ мемонад.

Дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ омода намудани мутахассисони рақобатпазир бе муҳити муосири технологӣ ғайриимкон аст. Бинобар ин, такмили заминаи моддию техникӣ, истифодаи самараноки озмоишгоҳҳо, рушди платформаҳои рақамии таълимӣ ва васеъ намудани имкониятҳои омӯзиши амалӣ аз вазифаҳои муҳим ба шумор мераванд.

Дар баробари ин, ба рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ аҳаммияти ҷиддӣ хоҳем дод. Ин тарзи кор набояд танҳо бо имзои созишномаҳо маҳдуд шавад, балки ба натиҷаҳои мушаххас, аз ҷумла татбиқи барномаҳои муштараки таълимӣ, табодули омӯзгорону донишҷӯён, иҷрои лоиҳаҳои илмӣ ва баланд бардоштани иқтидори академии донишгоҳ равона гардад.

Масъалаи дигар рушди низоми дохилии таъмини сифат мебошад. Дар ин самт зарур аст аз муносибати шаклӣ ба арзёбии фаъолият даст кашида, низоми воқеан самараноки таҳлил, мониторинг ва такмили мунтазамро ташаккул диҳем. Дар ин замина муайян намудани нишондиҳандаҳои мушаххаси самараноки барномаҳои таълимӣ, арзёбии натиҷаҳои омӯзиш, таҳлили сатҳи қаноатмандии донишҷӯён ва корфармоён, инчунин истифодаи натиҷаҳои арзёбӣ дар қабули қарорҳои идоракунӣ аҳаммияти махсус дорад.

Ба андешаи ман, яке аз меъёрҳои муҳимми фаъолият на танҳо иҷрои нақшаҳо, балки натиҷаи воқеии онҳо бошад.

Масалан, агар барномаи нави таълимие ҷорӣ намоем, бояд муайян кунем, ки он ба сифати омодасозии мутахассисон чӣ таъсир расонидааст. Агар озмоишгоҳи нав таъсис диҳем, бояд донем, ки он то кадом андоза ба рушди малакаҳои амалии донишҷӯён ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ мусоидат кардааст.

Агар омӯзгорон аз курсҳои такмили ихтисос гузаранд, муҳим он аст, ки дониш ва малакаҳои бадастовардаи онҳо дар раванди таълим чӣ гуна истифода мешаванд.

Маҳз чунин муносибат метавонад фаъолияти донишгоҳро аз иҷрои расмии нишондиҳандаҳо ба идоракунии воқеан натиҷаовар равона созад.

Дар маҷмӯъ, ҳадафи стратегӣ ташаккули Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ҳамчун муассисаи муосири таҳсилоти олӣ мебошад, ки фаъолияти он ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ буда, дар рушди иқтидори инсонӣ, технологӣ ва инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас гузорад.

– Агар аз иштирок дар Форуми байналмилалии Остона ва дастоварди муҳимми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон танҳо як хулосаи асосӣ бароред, он чӣ хоҳад буд?

– Ба назари ман, хулосаи асосӣ ин аст, ки дар ҷаҳони муосир рақобатпазирии муассисаи таҳсилоти олӣ бе таъмини сифати таҳсилот дар сатҳи байналмилалӣ ғайриимкон мебошад.

Дар айни ҳол илм, технология ва бозори меҳнат беш аз пеш хусусияти байналмилалӣ пайдо мекунанд. Дониш ва технология дигар бо сарҳадҳои ҷуғрофӣ маҳдуд намешаванд.

Донишҷӯ метавонад таҳсилро дар Душанбе оғоз намуда, дар доираи барномаҳои табодули академӣ дар донишгоҳи хориҷӣ идома диҳад, дар лоиҳаҳои байналмилалии илмӣ иштирок намояд ва баъди хатм фаъолияти касбиро дар муҳити рақобатии миллӣ ё байналмилалӣ ба роҳ монад.

Аз ин рӯ, вазифаи муассисаи таҳсилоти олӣ танҳо додани диплом нест, балки омода намудани шахсияти донишманд, соҳибкасб, масъулиятшинос, дорои тафаккури мустақилона ва қобилияти мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбандаи ҷомеа мебошад.

Форуми Остона бори дигар нишон дод, ки ояндаи таҳсилоти олӣ бо сифат, инноватсия, рақамикунонӣ, зеҳни сунъӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ робитаи ногусастанӣ дорад. Дар чунин шароит ҳар як донишгоҳ бояд мавқеъ ва нақши худро дар рушди ҷомеа аз нав арзёбӣ намояд.

Барои Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дарёфти Шаҳодатномаи аккредитатсияи байналмилалии институтсионалӣ, пеш аз ҳама, эътирофи натиҷаҳои фаъолияти дастаҷамъона мебошад. Гузашта аз ин, ин эътироф ҳамзамон масъулияти моро барои оянда бештар мегардонад.

Бояд дарк намоем, ки нуфузи воқеии донишгоҳ на танҳо бо шаҳодатнома, ҷоиза ва нишондиҳандаҳои расмӣ, балки бо сифати дониш ва малакаи хатмкунандагон, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ, сатҳи навоварӣ ва саҳми муассиса дар рушди иқтисодиёту ҷомеа муайян карда мешавад.

Маҳз ҳамин натиҷаҳо бояд меъёри асосии арзёбии фаъолият бошанд.

Бовар дорам, ки ҳайати профессорону омӯзгорон, кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо дарки масъулияти нав барои таҳкими дастовардҳо, бартараф намудани камбудиҳо ва расидан ба ҳадафҳои стратегии муассиса минбаъд низ саъю талош хоҳанд кард.

Дар ниҳоят, мехоҳам таъкид намоям, ки сифати таҳсилот танҳо натиҷаи санҷиш, аккредитатсия ё давраи муайяни фаъолият нест. Сифат бояд ба арзиш, масъулият ва фарҳанги ҳаррӯзаи ҷомеаи академии донишгоҳ табдил ёбад.

Аз ин рӯ, барои мо аккредитатсияи байналмилалии институтсионалӣ ҳам эътирофи фаъолияти анҷомдодашуда ва ҳам оғози марҳилаи нави масъулият барои корҳои минбаъда мебошад.

Ҳадафи ниҳоии мо на танҳо соҳиби эътирофи байналмилалӣ гардидан, балки сазовори ин эътироф будан ва онро бо натиҷаҳои воқеии фаъолияти таълимӣ, илмӣ ва инноватсионӣ пайваста таҳким бахшидан аст.

Суҳбаторо
А. САМАРИДДИН,
«Фановар»

6 ноябр – Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

ЧӢ ГУНА КОНСТИТУТСИЯ СУБОТИ РӮҲӢ ВА ХУДИДОРАКУНИРО ТАЪМИН МЕКУНАД?



Конститутсия ҳамчун санади олии ҳуқуқӣ на танҳо муносибатҳои сиёсӣ ва ҳуқуқиро танзим мекунад, балки дорои арзиш ва таъсири амиқи психологӣ мебошад. Аз нигоҳи илми психология, Конститутсия механизми когнитивӣ ва иҷтимоии устуворкунандаи шуур ва рафтори ҷамъиятӣ аст, ки тавассути он дар зеҳни шаҳрванд арзиш, меъёр ва эҳсоси мансубият ташаккул меёбанд.

Психологияи иҷтимоӣ исбот мекунад, ки шуури иҷтимоӣ зери таъсири меъёри ҳуқуқӣ ва арзишҳои фарҳангӣ ташаккул меёбад. Конститутсия ҳамчун қонуни олӣ меъёри танзимкунандаи шуури ҷамъиятӣ мебошад.

Дар сатҳи когнитивӣ, он ба ташаккули нақшаҳои маърифатӣ мусоидат мекунад, яъне намунаҳои фикрӣ, ки тавассути онҳо инсон муносибат, ҳуқуқ ва масъулиятро дар ҷомеа дарк менамояд. Дар натиҷа, Конститутсия ҳамчун системаи маърифатӣ шуури шаҳрвандиро инкишоф медиҳад, ки аз рӯйи он ҳар як фард дарк мекунад, ки дар ҷомеа кӣ бояд бошад, кадом ҳуқуқ ва уҳдадориро дорост, чӣ гуна рафтору гуфторро бояд аз ӯ интизор шаванд. Дар ҳамин замина, асоси амният ва суботи психологӣ ба вуҷуд меояд.

Дар психикаи инсон эҳсоси амният яке аз ниёзҳои асосии мотиватсионӣ ба ҳисоб меравад. Ба гуфтаи А. Маслоу, “эҳтиёҷ ба амният дуюмин зинаи пирамидаи ниёзҳои инсон аст”.

Конститутсия ҳамчун кафолати ҳуқуқии давлат эҳсоси амнияти равонӣ ва эътимод ба муҳитро дар шуури шаҳрванд мустаҳкам месозад. Ин эҳсосот ба рушди устувории эмотсионалӣ, коҳиши изтироб ва афзоиши ҳисси назорати дохилӣ мусоидат мекунад. Яъне инсон вақте бо тафаккури интиқодӣ медонад, ки давлат ҳуқуқи ӯро муҳофизат мекунад, баъдан ҳамчун субъекти фаъол эҳсос менамояд, на объекти маҷбуршавӣ.

Аз нигоҳи психологӣ, Конститутсия на танҳо санади ҳуқуқӣ, балки омили муҳимми ташаккули худшиносии миллӣ ва ҳувияти шахсӣ мебошад. Ин ҳар ду бошад, аз муҳимтарин омилҳои устувории ҳолати рӯҳӣ мебошанд. Эҳсоси тааллуқ ба миллат ва масъулияти шаҳрвандӣ тавассути шинохти моҳияти Конститутсия дар шуури шахс таҳким меёбад. Вақте шахс мефаҳмад, ки ҳуқуқу озодиҳои ӯ дар асоси Конститутсия ҳифз мешавад, эҳсоси арзишмандӣ ва эътимод ба ҷомеа зиёд мегардад.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо зикри арзишҳои миллӣ, забон, рамзҳои давлатӣ ва принсипҳои ваҳдат дар зеҳни шаҳрванд иҷрои нақши рафториро шакл медиҳад.

Ин раванд дар сатҳи равонӣ чунин амал мекунад: таҳкими эҳсоси «ман – тоҷик», фаъолшавии гурӯҳиносӣ – эҳсоси мансубият ба гурӯҳи миллӣ, интернализатсияи арзишҳо – яъне қабул кардани арзишҳои Конститутсия ҳамчун меъёрҳои дохилии ахлоқӣ.

Интернализатсияи арзишҳо ин равандест, ки дар он инсон арзиш, меъёр ва қоидаҳои ҷомеаро аз берун қабул карда, онҳоро ба қисми дохилии шахсият табдил медиҳад. Ба ибораи дигар, вақте арзишҳои иҷтимоӣ (масалан, ростқавлӣ, эҳтиром, масъулият, меҳнатдӯстӣ) ба ангезаи дохилии шахс табдил меёбанд. Интернализатсия вақте ба амал меояд, ки шахс арзишҳоро на танҳо фаҳмад, балки онҳоро қабул карда, мувофиқи он амал кунад, ҳатто бе назорати беруна. Ҳамин тавр, интернализатсияи арзишҳо ин гузариш аз сатҳи иҷтимоӣ ба сатҳи шахсӣ мебошад, ки шахсро ба инсони масъул, боақлу боахлоқ ва худидоракунанда табдил медиҳад.

Натиҷа ин аст, ки шахс на танҳо қонунро эҳтиром мекунад, балки онро ҳамчун қисми шахсият дарк менамояд.

Аз дидгоҳи психологияи гуманистӣ, Конститутсия имконият медиҳад, ки шахс худгоҳӣ ва худҳимоякуниро амалӣ созад. Ҳуқуқ ба озодӣ, таҳсил, меҳнат, ташаббус ва сухан – ҳамаи ин принсипҳо шароити амалӣ барои инкишофи қобилиятҳои шахсӣ мебошанд. Ин раванд ба болоравии мотиватсияи дохилӣ (intrinsic motivation) ва ташаккули эҳсоси масъулияти шахсӣ мусоидат мекунад, ки дар ҷомеаи демократӣ арзиши бунёдӣ дорад.

Ҳамчун омили ҳамбастагии равонӣ ва иҷтимоӣ Конститутсия аз оромии ҷомеа ва дараҷаи ҳамбастагии равонӣ вобаста аст. Он, ки принсипҳои ваҳдат, адолат ва баробариро дар бар мегирад, ба ташаккули чунин ҳамбастагӣ мусоидат менамояд. Ин ҳамбастагӣ тавассути эмпатия – эҳсоси ҳамдардӣ ва фаҳмиши дигарон, идроки ҳамдигар ва механизми ҳамкории иҷтимоӣ тақвият меёбад.

Аз дидгоҳи психология, Конститутсия танҳо санади ҳуқуқӣ нест, балки низоми танзими шуур ва рафтори иҷтимоӣ аст, ки ба воситаи он амният, ҳувият, ҳамбастагӣ ва масъулияти шаҳрванд ташаккул меёбад. Он рамзи худогоҳии миллӣ, механизми суботи рӯҳӣ ва омили рушди шахсият дар ҷомеаи озод мебошад.

Конститутсия қонуни рӯҳи миллат аст, ки тавозуни байни “инсон” ва “ҷомеа”-ро дар заминаи арзишҳои адолат, сулҳ ва ваҳдат таъмин мекунад.

Фотимахон МАМАДҶОНОВА,
омӯзгори калони фанни психологияи Филиали ДТТ дар шаҳри Исфара

АЗ РОБОТСОЗӢ ТО ҶОИЗАҲОИ ДАВЛАТӢ

МДТ «Литсейи инноватсионии Душанбе» 25-солагии фаъолиятро бо дастовардҳои арзанда пешвоз гирифт



Ҳар давру замон осоре дар таърих боқӣ мегузорад. Барои насли ҳозира яке аз саҳифаҳои муҳимтарин ва сарнавиштсози таърихи навини кишвар даврони Истиқлолияти давлатӣ мебошад. Дар ин марҳалаи тақдирсоз муассисаҳои зиёди таълимиву илмӣ ба фаъолият оғоз намуда, барои тарбияи насли созанда, навовар ва соҳибмаърифат заминаи устувор фароҳам оварданд.

Яке аз он муассисаҳои пешгом Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи инноватсионии Душанбе»-и назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон мебошад, ки 19 июли соли 2001 таъсис ёфтааст. Ва баъди 25 соли фаъолияти пурсамар, метавон бо боварӣ гуфт, ки таърихи ин муассиса ҷузъи ҷудонопазири таърихи созандаи даврони истиқлолият аст. Дар ин давра садҳо хонанда аз остонаи ин даргоҳ ба дунёи илму дониш ворид шуда, орзуву истеъдодашонро парвариш ва амалию такмил доданд.

Дастовардҳои хонандагон, комёбиҳои омӯзгорон, иштироки фаъоли онҳо дар озмуну олимпиадаҳо ва ҷустуҷӯи пайвастаи роҳҳои нави таълим — ҳама самараи заҳмати содиқонаи аҳли маорифу шогирдони ин кохи маърифат мебошанд.

Солҳои таҳсили 2015-2016 хонандаи синфи 10-уми таълимгоҳ Суннатулло Қосимов (дар сурати боло) аввалин роботи Тоҷикистонро бо номи «Авротоҷ» сохт. Он қобилияти суҳбат кардан бо 3 забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ)-ро дошта, барои таъмини амният ва нигоҳубини муассисаҳо пешбинӣ шудааст.

Шоёни зикр аст, ки пайдоиш ва тарзи кори “Авротоҷ” дар барномаи бошукӯҳи ҳунарӣ ба муносибати 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (шоми 9 сентябри соли 2026) тавзеҳ ёфт. Муаррифии ихтирои дастпарвари литсей дар чунин саҳнаи баланд мояи ифтихори аҳли муассиса буда, шаҳодати равшани он аст, ки Ҳукумати кишвар барои кашфи истеъдодҳо ва татбиқи андешаҳои навоворонаи насли ҷавон шароити мусоид фароҳам намудааст.

Ғайр аз ин, хонандагони болаёқат бо донишу истеъдод ва заҳмати пайваста дар олимпиада ва озмунҳои нуфузманди ҷумҳуриявию байналмилалӣ фаъолона иштирок намуда, сазовори ҷойҳои намунавӣ ва мақоми ифтихорӣ мегарданд.

Дар баробари шогирдон, омӯзгорон низ дар фаъолияти илмию педагогӣ ба натиҷаҳои баланд дастрасӣ пайдо кардаанд. Аз ҷумла, Назарзода М. Р., Одинаева О. З. ва Аҳмадимил Г. Ҷ. ба тадқиқот машғул шуда, дар соҳаи педагогика бомуваффақият рисолаи илмӣ ҳимоя намуданд ва ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳо мушарраф гардиданд.

Барои хизматҳои шоиста ва фаъолияти самаранок чор нафар омӯзгор - Назарзода М. Р., Аброрзода М. А., Ҳасанова Р. Г. ва Аброрзода С. Ҳ. бо медали “Хизмати шоиста” сарфароз гардиданд. Аз ҷумла, ду нафари аввал зикршуда ин мукофоти баландро дар арафаи таҷлили 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ соҳиб шуданд. Инчунин, як қатор омӯзгорони дигар бо ифтихорнома ва сипосномаҳои соҳавӣ қадрдонӣ гардиданд.

Метавон бо ифтихор изҳор дошт, ки дастовардҳои омӯзгорону хонандагон аз меваҳои шаҳдбори Истиқлолият мебошанд, меваҳое, ки аз дарахти дониш, заҳмат, истеъдод ва муҳаббати бепоён ба ватан сарчашма мегиранд.

Мавлуда НАЗАРЗОДА,
директори МДТ “Литсейи инноватсионии Душанбе”-и назди ДТТ






АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ҲИФЗИ МЕҲНАТ



Таҳти мафҳуми «ҳифзи меҳнат» низоми чорабиниҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ташкилию техникӣ, санитарию гигиенӣ, табобатию пешгирикунанда ва барқароркунанда фаҳмида мешавад, ки мутобиқи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амнияти меҳнат, ҳифзи саломатӣ ва қобилияти кории шахсро дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ таъмин менамоянд.

Асоси ҳуқуқии қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи меҳнатро санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Мувофиқи моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар як шахс ба меҳнат, интихоби озоди касбу кор ва ҳифзи меҳнат ҳуқуқ дорад.

Низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар ин соҳа, пеш аз ҳама, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки муносибатҳои меҳнатиро танзим намуда, кафолатҳои ҳадди ақали ҳуқуқу озодиҳоро муқаррар мекунад. Ҳамчунин, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, аз ҷумла конвенсияҳои Созмони байналмилалии меҳнат (СМТ), қисми таркибии низоми ҳуқуқии миллӣ ба ҳисоб мераванд.

Таъмини ҳифзи меҳнат на танҳо иҷрои талаботи қонун, балки кафолати ҳифзи ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон дар раванди фаъолияти меҳнатӣ мебошад. Ҳифзи меҳнат ҳамчун низоми муҳимми чорабиниҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва ташкилию техникӣ амнияти ҳаёт ва саломатии кормандонро таъмин менамояд. Давлат сиёсати ягонаро дар ин самт амалӣ мегардонад.

Мувофиқи талаботи моддаи 356 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар ташкилот бо ташаббуси корфармо, кормандон, иттифоқҳои касаба ё дигар намояндагони онҳо кумита (комиссия) оид ба ҳифзи меҳнат таъсис дода мешавад. Ба ҳайати он, дар асоси баробарӣ, намояндагони корфармо ва кормандон шомил мегарданд.

Ба зиммаи кумита (комиссия)-и мазкур таҳияи бахшҳои созишнома ва шартномаҳои коллективӣ оид ба ҳифзи меҳнат, ташкили фаъолияти муштараки корфармо ва кормандон ҷиҳати риояи талаботи ҳифзи меҳнат, пешгирии ҳодисаҳои истеҳсолӣ ва бемориҳои касбӣ, инчунин гузаронидани санҷиши шароити меҳнат ва иттилоотонидани кормандон оид ба натиҷаҳои он вогузор карда мешавад.

Назорати ҷамъиятии риояи меъёрҳои ҳифзи меҳнат аз ҷониби иттифоқҳои касаба ва дигар намояндагони кормандон амалӣ гардида, онҳо метавонанд бозрасии ҷамъиятӣ ташкил намуда, шахсони ваколатдорро интихоб намоянд.

Нозирон ва шахсони ваколатдор оид ба ҳифзи меҳнат ҳуқуқ доранд риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро аз ҷониби корфармоён назорат намоянд, ташхиси мустақилонаи шароити меҳнатро гузаронанд, дар санҷиши ҳодисаҳои нохуш ва бемориҳои касбӣ иштирок намоянд, аз шахсони мансабдор маълумоти заруриро дарёфт кунанд, дар ҳолати таҳдид ба ҳаёт ва саломатӣ пешниҳоди боздоштани корҳоро намоянд, барои бартараф намудани қонунвайронкуниҳо амрнома пешниҳод кунанд, дар комиссияҳои қабули иншооти истеҳсолӣ иштирок намоянд, дар таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ саҳм гузоранд, ба мақомоти дахлдор барои ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳкор муроҷиат намоянд, дар ҳалли баҳсҳои меҳнатӣ иштирок ва дигар ҳуқуқҳои пешбинишудаи қонунгузориро амалӣ намоянд.

Иттифоқҳои касаба ва намояндагони кормандон ҳуқуқ доранд бемамониат риояи талаботи ҳифзи меҳнатро дар ташкилот санҷида, барои бартараф намудани камбудиҳо пешниҳодҳои ҳатмии баррасишаванда ирсол намоянд.

Дар моддаи 358 Кодекси меҳнат ҳуқуқҳои нозирони ҷамъиятӣ оид ба ҳифзи меҳнат муайян гардидаанд, аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқи кормандон тавассути назорати ҷамъиятӣ, иштирок дар санҷиши ҳодисаҳои нохуш, дарёфти иттилоот аз корфармо, назорати иҷрои уҳдадории шартномаҳои коллективӣ, пешниҳоди таклифҳо барои бартараф кардани камбудиҳо, иштирок дар қабули иншооти истеҳсолӣ, иштирок дар таҳияи санадҳои ҳуқуқӣ, муроҷиат ба мақомоти давлатӣ барои ҷавобгарӣ, иштирок дар баррасии баҳсҳои меҳнатӣ, муроҷиат ба суд барои ҳифзи ҳуқуқи кормандон.

Ҳамин тариқ, асосҳои ҳуқуқии ҳифзи меҳнат ҳамчун низоми муҳимми кафолатҳои давлатӣ барои таъмини амният, саломатӣ ва қобилияти кории шаҳрвандон баромад мекунад. Таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки давлат барои фароҳам овардани шароити мусоиди меҳнат заминаи устувори қонунгузорӣ фароҳам сохтааст. Риояи талаботи ҳифзи меҳнат на танҳо уҳдадории ҳуқуқии корфармо, балки омили муҳимми рушди устувори иҷтимоию иқтисодии ҷомеа мебошад.

Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳу усулҳои самараноки таъмини ҳифзи меҳнатро мушаххас намуда, иҷрои онҳо барои корфармоён ҳатмӣ мебошад.

Фаррух ТАҒОЙНАЗАРЗОДА,
сардори бахши ҳифзи меҳнати ДТТ

СТРАТЕГИЯИ САНОАТИКУНОНИИ БОСУРЪАТ ВА УФУҚҲОИ НАВИ СОҲАИ НАССОҶӢ

Истиқлолияти давлатии мамлакат барои саноати сабук ва нассоҷӣ заминаи комилан нави рушдро фароҳам оварда. Дар даврони Иттиҳоди Шуравӣ Тоҷикистон асосан ҳамчун пойгоҳи истеҳсоли ашёи хоми пахта ба шумор мерафт ва қисми зиёди он берун аз кишвар коркард мешуд. Аммо солҳои охир, бо татбиқи стратегияҳои давлатӣ ва саноатикунонии босуръат, ин соҳа ба яке аз муҳаррикҳои асосии иқтисодиёти миллӣ табдил ёфт.

Ҳадафи стратегии Ҳукумати мамлакат — коркарди пурраи пахтаи ватанӣ дар дохили кишвар боис шуд, ки корхонаҳои бузурги ресандагӣ, бофандагию кешбофӣ ва дӯзандагӣ таъсис ёбанд. Алҳол пахтаи тоҷик на танҳо ҳамчун нах, балки дар шакли калоба, матоъ ва либосҳои тайёр ба бозорҳои ҷаҳонӣ равона мегардад.

Корхонаҳои азим, аз ҷумла маҷмааҳои нассоҷии муосир дар шаҳру ноҳияҳои Данғара, Хуҷанд, Душанбе, Истаравшан ва Ёвон бо технологияҳои пешрафтаи Аврупо (аз ҷумла, Швейтсария, Олмон ва Италия) муҷаҳҳаз шуданд. Ин иқдом сифати маҳсулоти ватаниро ба стандартҳои ҷаҳонӣ баробар кард.

Саноати нассоҷӣ яке аз соҳаҳои меҳнатталаб буда, ҳазорон нафар шаҳрванд, махсусан занону бонувони маҳаллиро бо кори доимӣ ва маоши хуб таъмин намуд. Либосҳои истеҳсоли Тоҷикистон айни замон таҳти тамғаи ватанӣ ба кишварҳои Иттиҳоди Аврупо, ИМА, Чин ва ИДМ содирот мешаванд.

Мушкилоти мавҷуда, мисли рақобат дар бозорҳои беруна ва ниёз ба кадрҳои баландихтисос, бо дастгирии имтиёзии андозию гумрукӣ аз ҷониби Давлату Ҳукумати кишвар марҳала ба марҳала ҳалли худро меёбанд ва саноати нассоҷии муосир уфуқҳои навро фатҳ карда, исбот месозад, ки кишвар метавонад на танҳо содироткунандаи ашёи хом, балки маркази пуриқтидори истеҳсоли маҳсулоти баландсифати нассоҷӣ дар минтақа бошад.



Соҳибстиқлолии мамлакат ба рушди саноати сабук, махсусан бахши нассоҷиву дӯзандагӣ, такони куллӣ бахшид. Эълон гардидани саноатикунонии босуръат ҳамчун ҳадафи чаҳоруми стратегии кишвар тақозо намуд, ки коркарди ниҳоии ашёи хоми ватанӣ ва содироти маҳсулоти дорои арзиши баланди иловагӣ бартарии аввалиндараҷа пайдо кунад. Алҳол саноати нассоҷии муосир аз содироткунандаи оддии нахи пахта ба занҷираи мукаммали истеҳсолӣ ва технологӣ мубаддал гашта истодааст.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ нишондиҳандаҳои ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ба таври назаррас боло рафтанд.

Мувофиқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, танҳо дар соли 2025 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ ба 4,087 миллиард сомонӣ расид, ки ин дар панҷ соли охир (2020–2025) 42% афзоиш ёфтааст.

Бо мақсади рушди соҳа, Ҳукумати кишвар иқдомҳои бузурги маҷмуиро рӯи даст гирифтааст. Аз ҷумла, эълон гардид, ки дар Тоҷикистон кластери нави нассоҷӣ бо арзиши 83,2 миллион доллари ИМА таъсис дода мешавад. Ин лоиҳаи азим имкон медиҳад, ки зиёда аз 5500 ҷойи кори нав барои шаҳрвандон муҳайё гардад.

Агар то соли 1991 дар кишвар шумораи корхонаҳои саноатӣ маҳдуд буд, алҳол дар заминаи технологияҳои пешрафтаи аврупоӣ ва осиёӣ маҷмааҳои пурқудрат фаъолият доранд.

Инчунин корхонаҳои истеҳсолии ҶСК “Пиллаи тоҷик” барои истеҳсоли нахи босифати абрешим ва матоъҳои абрешимӣ, ҶДММ “Гардӣ” барои истеҳсоли либосҳои гуногуни кешбофӣ ва корхонаҳои дӯзандагии замонавӣи таъсис додаанд, ки барои таъмин намудани аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифат аз ашёи хоми ватанию ташкили ҷойҳои корӣ мусоидат менамоянд.

Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд мавқеи маҳсулоти нассоҷии ватаниро дар бозори ҷаҳонӣ устувор менамояд. Алҳол калобаи ресандагӣ, матоъҳои пахтагин, маснуоти кешбофӣ ва либосҳои тайёр ба бозорҳои Россия, Чин, Туркия, кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва ИМА содирот мешаванд. Корхонаҳои ватанӣ ҳар сол дар намоишгоҳҳои бузурги байналмилалӣ (ба монанди «Текстиллегпром», ЭКСПО, Тошкент) иштирок карда, рақобатпазирии маҳсулоти Тоҷикистонро исбот менамоянд. Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: «Мо бояд соҳаи саноатро ба муҳаррики асосии иқтисодиёти кишвар табдил диҳем ва коркарди пураи ашёи хоми ватаниро таъмин созем».

Баргузории чорабиниҳои бузурги соҳавӣ, ба мисли Форуми байналмилалии нассоҷии «Тоҷикистон», ки 23 сентябри 2026 дар шаҳри Душанбе бо иштироки доираи васеи меҳмонону намояндагони кишварҳои хориҷӣ баргузор гардид, нишон дод, ки корхонаҳои ватанӣ дар роҳи расидан ба ҳадафҳои бузург хеле устуворанд.

Саноати нассоҷии Тоҷикистон бо гузариш ба модели кластерӣ ва ҷалби технологияҳои рақамӣ, на танҳо амнияти иқтисодии кишварро таҳким мебахшад, балки нуфузи Тоҷикистонро ҳамчун давлати саноатӣ дар харитаи ҷаҳон боло мебарад. Инчунин қабул намудани «Стратегияи миллии рушди истеҳсолу коркарди пахта ва саноати нассоҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2024-2040» тасдиқи гуфтаҳои болост, ки рушди бемайлони соҳаро такони ҷиддӣ мебахшад.

Рушди босуръати саноати нассоҷӣ ва воридоти технологияҳои интеллектуалӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ талаботро ба кадрҳои баландихтисоси соҳавӣ тағйир дод. Ҳоло соҳа на танҳо ба бофандагону дӯзандагон, балки ба муҳандисон, барномасозони таҷҳизоти саноатӣ ва тарроҳон (дизайнерҳо), ки бо стандарту технологияҳои муосир кор карда метавонанд, ниёзи аввалиндараҷа дорад.

Маркази асосии омодасозии кадрҳои муҳандисию технологӣ барои соҳа Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба шумор меравад, ки дар ду кафедраи тахассусии он мутахассисон дар самти технологияи коркарди наххо, технологҳои саноати ресандагӣ, бофандагӣ, кешбофӣ, тарроҳии либос ва ғайра омода мегарданд.

Мутобиқ ба талаботи бозори меҳнат, усули таълими дуалӣ (ҳамбастагии илм бо истеҳсолот) фаъол шуда истодааст. Ҳоло филиали кафедраҳои технологияи маснуоти нассоҷӣ ва дизайни либос ва санъати мӯд бевосита бо ташабуси раёсати ДТТ дар назди корхонаҳои истеҳсолӣ, аз ҷумла дар корхонаҳои ҶДММ “Арвис”, ИИ “Нассоҷӣ-тоҷик”, “Пиллаи тоҷик”, “Гардӣ”, “Ваҳдат-текстил”, корхонаҳои дузандагии “Гулистон”, “Сифат-саноат” ва ғайра фаъолият намуда истодаанд, ки дарсҳои амалии донишҷӯён дар онҳо ба роҳ монда мешаванд. Ин барои баланд бардоштани сифати таълим ва пайвасти илм бо истеҳсолот хеле мусоидат менамояд. Инчунин таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва пешаздипломии донишҷӯён дар корхонаҳои мазкур гузашта истодаанд.

Ҳоло роҳбарияти маҷмааи «Ҷунтай-Данғара Син Силу Текстил», хатмкунандагони лаёқатмандро мустақиман дар заминаи корхона ба кор қабул карда, қисме аз онҳоро барои таҷрибаомӯзӣ ва такмили ихтисос ба хориҷи кишвар (Чин ва кишварҳои Аврупо) фиристода истодааст.

Инчунин марказҳои омӯзишии назди корхонаҳо, ба мисли ҶДММ «Ваҳдат Текстил» ва ҶДММ «Ҷавонӣ» курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзишӣ таъсис додаанд, ки имкон медиҳанд ҷавонон ва занони маҳаллӣ дар муҳлати кӯтоҳ нозукиҳои кор бо таҷҳизоти автоматигардонидашударо омӯхта, соҳиби ҷойи кор шаванд.

Ҳамин тариқ, омода кардани кадрҳои насли нав ва пайванди зичи илм бо истеҳсолот кафолати медиҳад, ки корхонаҳои нассоҷии кишвар дар шароити рақобати шадиди бозори ҷаҳонӣ устувор ва самаранок фаъолият кунанд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ саноати нассоҷии Тоҷикистон ба як занҷираи мукаммали истеҳсолӣ ва технологӣ мубаддал гашта, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти он дар панҷ соли охир зиёда аз 40% афзоиш ёфт. Рушди босуръати соҳа талаботро ба муҳандисон ва мутахассисони баландихтисос тавассути низоми таҳсилоти дуалӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва марказҳои омӯзишии наздикорхонаӣ бояд тақвият бахшад. Рушди босуръати ин соҳа бо ҷалби сармоягузорӣ, воридоти технологияҳои пешрафта ва тавсеаи содироти маҳсулот ба бозорҳои ҷаҳонӣ таъмин карда мешавад.

Абдуғафор НАБИЕВ,
н.и.т., дотсенти кафедраи технологияи маснуоти нассоҷӣ

ҚАДРИ ОМӮЗГОР ВА ОҚИБАТҲОИ БЕЭЪТИНОӢ БА ИЛМ

(Давомаш дар саҳ. 8)

Гуфт:

- Ба ҷони фарзандам қасам, асл аст.

Мол қалбакӣ буд.

Рӯзи дигар як мансабдор гирифтор шуд.

Аз ӯ пурсиданд:

- Кори мардум кай ҳал мешавад?

Гуфт:

- Фардо.

Фардо омад, вале кор ҳал нашуд.

Пас аз чанд рӯз беморӣ ба тамоми шаҳр паҳн шуд.

Дар бозор фурӯшанда қасам мехӯрд, ки тарозуяш дуруст аст, дар ҳоле ки аз ҳар кило сад грамм медуздид.

Дар идора касе мегуфт:

- Ман барои халқ хизмат мекунам.

Аммо дар зери миз дасташ боз буд.

Беморӣ то ба масҷид ҳам расид.

Касе даст ба сина мегузошт, номи Худоро ба забон меовард ва баъди чанд ҷумла дурӯғ мегуфт.

Он қадар дурӯғ зиёд шуд, ки дигар касе намедонист кадом сухан рост асту кадоме дурӯғ.

Ва рӯзе воқеаи даҳшатноктаре рӯй дод.

Кӯдаке, ки ҳанӯз нав забон мекушод, модараш аз ӯ пурсид:

- Ин косаро ту шикастӣ?

Кӯдак сарашро хорида, бо ҷиддият гуфт:

- Ба номи Аллоҳ қасам, ман накардам.

Ҳама хомӯш шуданд.

Зеро косаро кӯдак шикаста буд.

Он рӯз пизишкон фаҳмиданд, ки ин беморӣ дигар танҳо дар забони калонсолон нест.

Он ба насли нав гузашта буд.

Ҳакимонро ҷамъ карданд. Пизишкон шабу рӯз китобҳоро варақ заданд. Дар паи дору шуданд. Хун гирифтанд. Набз санҷиданд.

Ҳеҷ чиз таъсир накард.

Дар охир пизишки солхурдае гуфт:

- Ин беморӣ дар ҷисм нест.

- Пас дар куҷост?

Гуфт:

- Дар тарбия.

- Доруяш чист?

Ҳаким гуфт:

- Доруи ин беморӣ Омӯзгор аст.

Ҳама ба ҳамдигар нигаристанд.

Зеро дар он шаҳр ҳама чиз қадр дошт, ғайр аз омӯзгор.

Тоҷир барои як либос садҳо танга медод, аммо барои китоби фарзандаш пули ночизеро дареғ медошт.

Мансабдор дар маҷлисҳо аз маориф сухан мегуфт, вале омӯзгорро соатҳо пушти дар нигоҳ медошт.

Мардум мехостанд фарзандонашон донишманд шаванд, аммо он касеро, ки бояд ба онҳо дониш медод, хору ночиз мешуморидаанд.

Пизишкон фармон доданд:

- Омӯзгоронро биёред!

Гуфтанд:

- Бисёре аз онҳо рафтаанд.

- Куҷо?

- Яке дар саҳро кор мекунад. Дигаре муҳоҷир шудааст. Сеюмӣ касбашро партофтааст.

- Чаро?

- Зеро касе ба онҳо эҳтиёҷ надошт.

Ҳаким сар хам кард:

- Пас акнун ба онҳо эҳтиёҷ доред.

Аммо дер шуда буд.

Дурӯғ аллакай забони умумӣ шуда буд.

Дар бозор - дурӯғ.

Дар идора - дурӯғ.

Дар кӯча - дурӯғ.

Дар хона - дурӯғ.

Ҳатто вақте касе рост мегуфт, мардум ба ӯ бовар намекарданд.

Чун фоҷиаи дурӯғ танҳо он нест, ки касе сухани нодуруст мегӯяд.

Фоҷиа он аст, ки баъди муддате сухани рост ҳам қиматашро гум мекунад.

Дурӯғ аввал ҳақиқатро мекушад.

Баъд эътимодро.

Пас аз он шармро.

Ва дар охир ҷомеаеро ба вуҷуд меорад, ки ҳама сухан мегӯянд, вале касе ба касе бовар надорад.

Солҳо гузаштанд.

Дар дарвозаи мактаби кӯҳна лавҳае овезон монд, ки касе дигар ба он аҳаммият намедод:

«Агар мехоҳед шаҳрро аз дурӯғ наҷот диҳед, аввал он касеро эҳтиром кунед, ки ба кӯдак рост гуфтанро меомӯзонад».

Аммо мардум ҳанӯз дар ҷустуҷӯи дору буданд.

Дар дорухонаҳо.

Дар беморхонаҳо.

Дар ҷаласаҳо.

Ҳол он ки дору солҳо боз дар синфхонае нишаста буд, бо як пора бӯр дар даст.

Номи шарифаш - ОМӮЗГОР.

ТАҲИЯ АЗ ИНТЕРНЕТ



ДАСТОВАРД ДАР МУСОБИҚА БАРОИ ДАРЁФТИ ҶОМИ ПРЕЗИДЕНТИ МАМЛАКАТ

17–18 октябри соли 2026 дар Маҷмааи варзишии шаҳри Кӯлоб даври ниҳоии мусобиқаи ҷумҳуриявӣ оид ба гӯштини ҷудо барои дарёфти Ҷоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардида, беҳтарин варзишгарони кишварро дар ҳафт вазн (то 60, 66, 73, 81, 90, 100 ва +100) ба ҳам оварданд.

Яке аз чеҳраҳои дурахшон ва кашфиёти асосии ин мусобиқаи бонуфузи тақвими варзишии мамлакат донишҷӯи курси дуюми факултети муштараки Донишгоҳи технологии Тоҷикистон (ДТТ) ва Донишгоҳи давлатии Полотск (Беларус) Нурулло Аҳмадов дониста шуд.

Номбурда рақобати фавқулодаю тобнок нишон дода, дар вазни то 60 кило пайдарпай бар рақибони пурқувват ва таҷрибадораш Усмон Зиёев (аз дастаи “Хатлон-1”), Маҳсабур Каримов (“Хатлон-2”), Расул Боқиев (“ВМКБ”), Фирдавс Набиҷонов (“Душанбе-1”) ва Мустафо Нуров (“Душанбе-2”) ғалаба ба даст оварда, то марҳилаи ниҳоӣ роҳ ёфт. Дар сабқати ҳалкунанда бо паҳлавони номошнои ҷумҳурӣ Меҳрзод Суфиев (“Суғд”) вохӯрда, пас аз муборизаи пуршиддат бо бартарии ҳариф мақоми ифтихории дуюм (медали нуқра)-ро соҳиб ва бо мукофотпулӣ дар ҳаҷми 50 000 сомонӣ қадрдонӣ гардид.

Ин дастоварди арзандаро ба варзишгари умедбахш раёсат, ҳайати устодону донишҷӯёни Донишгоҳи технологии Тоҷикистон самимона табрик гуфта, ба ӯ дар таҳсил ва фаъолияти минбаъдаи варзишиаш барор ва комёбиҳои нав ба нав орзу намуданд.

Ёдовар мешавем, ки ба мусобиқаи зикршуда Нурулло Аҳмадов зимни иштирок дар даври шаҳрии мусобиқа, ки 14 октябри соли ҷорӣ дар Маҷмааи варзишии «Яккачинор»-и шаҳри Душанбе ҷараён гирифт, сазовори мақоми сеюм гардида, роҳхат ба даст оварад.

Бино ба иттилои “Judonews”, кунун Нурулло барои иштирок дар мусобиқаи ZAGREB GRAND PRIX – 2026, ки 13 – 14 ноябри соли равон дар кишвари Хорватия доир хоҳад гашт, дар ҳайати дастаи мунтахаби кишвар омодагӣ дида истодааст.

ИСТИФОДАИ ТЕЛЕФОНИ МОБИЛӢ ВА ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ

Дар ҳаёт телефонҳои мобилӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба олоти муҳим ва маъмули муоширатӣ табдил ёфтаанд. Ҳангоми истифодаи оқилона онҳо воситаи самаранок ва муфиди омӯзиш, таҳсил, тиҷорат, табобат ва фароғат мебошанд.

Дар баробари ин, ҷиҳатҳои манфӣ, зарарнок ва хатарноки истифодаи телефонҳои мобилӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ низ ба чашм мерасанд:

- ба ин воситаҳо дода шуда мизоҷон, махсусан, ҷавонон ба саломатӣ нуқсон ворид мекунанд;

- бо истифодаи онҳо безътиноӣ нисбат ба аломат ва чароғакҳои роҳ боиси садамаҳо мегарданд;

- воридшавӣ ба сомонаҳои фанатикӣ, экстремистӣ ва террористӣ натиҷаҳои номақбул медиҳад;

- кунҷковии аз ҳад зиёд дар истифодаи телефонҳои мобилӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба тиҷорати номақбул ва аз даст додани маблағҳои калон мебошанд;

- диққат додан ба саҳифаҳои баъзе аз блогерҳо, лайк мондан ба ақидаҳои онҳо асосан бо муқаддасот, расму оин ва фарҳангу ахлоқи ҳамидаи соф тоҷикӣ муқобил мебошад;

- саломатии чашм: амвоҷи экрани кабуд ва шиддати дарозмуҳлат тезии биноиашро кам карда, ба хушкшавии чашм меоранд;

- халалдор кардани хоб: истифодаи гаҷетҳо пеш аз хоб коркарди мелатонин (маводи барои хоб зарур)-ро қатъ карда, ба бехобӣ ва мондаҳолӣ меоварад;

- хатарҳо дар роҳ: истифодаи смартфон ҳангоми рондани нақлиёт ва гузариши кӯча хатари садамавиро якчанд маротиба меафзояд;

- таъсироти рӯҳӣ: гумони аз даст додани телефон, вобастагии интернетӣ ба беаҳаммиятӣ ва кунд гардидани диққат меоварад;



- хосияти канцерогенӣ: қобилияти мавҷҳои электромагнитии телефони мобилӣ ба пайдоиш ва тезонидани рандҳои онкологӣ мусоидат мекунад.

Тавсия ва маслиҳатҳои муфид:

Истифодаи телефонҳои мобилӣ, ки дастгоҳҳои пуриқтидори дорои мавҷҳои электромагнитӣ мебошанд, бояд реҷаи хоса дошта бошанд. Аз ин рӯ, маҳдуд кардани истифодаи телефонҳои мобилии пуриқтидори муосир ба доираи муайяни наврасон ва муҳассилини мактабҳои миёна аз ҷониби мутахассисони тиб иқдоми хуб аст. Инчунин риояи чораҳои зерин қобили қабул аст:

- ба роҳ мондани садои баланд ҳангоми сӯҳбатҳои телефонии тӯлонӣ;

- муошират бештар тавассути хабарҳои матнӣ;

- вобаста аз имконият, махсусан ҳангоми барқгирӣ, аз бадан дур нигоҳ доштани телефони мобилӣ.

Албатта, ҳар як шахс дорои иқтидор ва имкониятҳои ҷисмӣ ва рӯҳии хос аст ва нисбат ба истифодаи безарари телефони мобилӣ пешниҳодоти ягона ҷой дошта наметавонад, вале зарур аст, ки нисбат ба истифодаи телефони мобилӣ эҳтиёткор бошем.

С. ЗАРИПОВ,
и. в. дотсенти кафедраи барномасозӣ ва зеҳни сунъӣ

Фановар
Ба ҳафтанома муаллифон метавонанд бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ навиштаҳояшонро пешниҳод намоянд.
Ҳафтанома ба хотири риояи озодии афкор нигоштаҳоеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба ухда намегирад.
МУАССИС: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
Ҳайати таҳририя: Раҳмонзода З.Ф., Насриддинзода М.М., Яминзода З.А., Ғаффорозода Ф.М., Икромӣ Х.И., Тошматов М.Н., Сафарзода Ғ. Ғ., Шарифзода И.У.
Ҳафтаномаи «Фановар» 27-уми декабри соли 2023 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 409/рз-97.
Ҳайати таҳририя
Нишонии мо: 734061. ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев 63/3
Ҳафтанома дар ҶДММ «Мега-принт» чоп шудааст. Адади нашр 3000 нусха